*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 114 (4534) | ДУШАНБЕ, 12 СЕНТЯБРИ СОЛИ 2022 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

## МУЛОҚОТИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БО СОҲИБА ҒАФОРОВА



**12 сентябри соли 2022 дар Маҷмааи давлатии «Қасри миллат»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Раиси Маҷлиси миллии Ҷумҳурии Озарбойҷон хонум Соҳиба Ғафороваро ба ҳузур пазируфтанд.**

Дар мулоқот масоили ҳамкорӣ дар бахшҳои гуногун, аз ҷумла робитаҳои байнипарламентии Тоҷикистону Озарбойҷон мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки мо ба рушди пай дар пай ҳамкории байнидавлатӣ бо Ҷумҳурии Озарбойҷон аҳамияти пайваста медиҳем.

Аз анъанаҳои неки дӯстию ҳамкории халқҳо, муколамаи сиёсии эътимодбахши байни кишварҳо, аз ҷумла дар сатҳи баланд ва олӣ, робитаҳои байнипарламентӣ, густариши муносибатҳои тиҷоратию иқтисодӣ, фарҳангию гуманитарӣ, маориф, таъсиси квотаҳо барои донишҷӯёни тоҷик ва расондани кумаки моддӣ ба Тоҷикистон дар давраи пандемия, изҳори қаноатмандӣ карда шуд.

Ҷонибҳо, ҳамчунин, масъалаи фаъолсозии кори Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкории тиҷоратию иқтисодӣ ва қабули «Нақшаи чорабиниҳои ҳамкории иқтисодӣ то соли 2025» - ро мавриди баррасӣ қарор доданд.

Атрофи масоили густариши ҳамкории кишварҳо дар соҳаи ояндадори кооператсияи саноатӣ, татбиқи лоиҳаҳо дар бахшҳои истихроҷ ва коркард, ҳамкории ширкатҳои «Талко»- и Тоҷикистон ва «Азералюминий»-и Озарбойҷон низ табодули афкор сурат гирифт.

Таҳкими ҳамкорӣ дар соҳаҳои кишоварзӣ, сармоягузорӣ, нақлиёту коммуникатсия, барқарор кардани парвозҳои мустақим байни Душанбе ва Боку ва рушди туризм зарур шуморида шуд.

Зимни баррасии ҳамкории байналмилалӣ, аз ҷумла дар чаҳорчӯбаи Созмони Милали Муттаҳид, ба масъалаи дастгирии ташаббусҳои глобалии Тоҷикистон оид ба об дар Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид, пуштибонии Тоҷикистон аз авлавиятҳои раёсати Озарбойҷон дар «Ҳаракати адами тааҳҳуд», дар бораи таъсиси Гурӯҳи тамос оид ба мубориза бо коронавирус ва дар давраи раёсати Тоҷикистон дар Созмони ҳамкории Шанхай пешниҳоди ташаббус оид ба баррасии дархости Озарбойҷон ҷиҳати дарёфти мақоми нозир дар ин созмон, таваҷҷуҳ зоҳир гардид.

Зимни мулоқот, ҳамчунин, оид ба дигар масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳи ҷонибҳо табодули афкор намуданд.

**www.president.tj**

## САФАРИ РАСМИИ СОҲИБА ҒАФОРОВА БА ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Шоми 10 сентябри соли 2022 Раиси Маҷлиси миллии Ҷумҳурии Озарбойҷон Соҳиба Ғафорова ва ҳайати парламентии он кишвар ҷиҳати анҷом додани сафари расмӣ ба шаҳри Душанбе ташриф оварданд.**

Дар Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе меҳмони олиқадрро муовини якуми Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Озарбойҷон, муовини якуми Раиси шаҳри Душанбе ва сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Озарбойҷон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқбол гирифтанд.



**12 сентябри соли 2022 Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо Раиси Маҷлиси миллии Ҷумҳурии Озарбойҷон хонум Соҳиба Ғафорова, ки бо сафари расмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад, мулоқот карда, ҳолат ва дурнамои муносибатҳои дӯстона ва ҳамкории Тоҷикистону Озарбойҷонро мавриди арзёбӣ қарор доданд.**

Ҳамчунин, ҷонибҳо оид ба густариши минбаъдаи ҳамкории байнипарламентии Тоҷикистону Озарбойҷон табодули андеша карданд.

Сипас, музокироти васеи ҳайатҳои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси миллии Ҷумҳурии Озарбойҷон доир гардид.

Дар оғоз Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ меҳмони олиқадрро ба Тоҷикистон хайрамақдам гуфта, зикр карданд, ки мулоқоти имрӯза идомаи мантиқии муколамаи зимни сафари расмии Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Озарбойҷон, ки моҳи марти соли ҷорӣ анҷом дода шуд, маҳсуб меёбад.

Изҳори боварӣ карда шуд, ки таҳкими минбаъдаи робитаҳои дуҷониба дар самти қонунгузорӣ ва саҳми муассиру назарраси парламентҳо ба раванди тавсеаи муносибатҳои байни ҳар ду давлат мусоидат менамоянд.

Ҷонибҳо ҳавасмандиро ҷиҳати густариши робитаҳои байнипарламентӣ дар доираи Созишнома оид ба ҳамкорӣ байни Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси миллии Ҷумҳурии Озарбойҷон, аз ҷумла тавассути тамосҳои мунтазами гурӯҳҳои дӯстӣ ва ҳамкорӣ иброз намуданд.

Таъкид гардид, ки Тоҷикистону Озарбойҷон дар чаҳорчӯбаи қолабҳои бисёрҷониба, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Иттиҳоди Давлатҳои Муттаҳид, Созмони ҳамкории исломӣ, Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва сохторҳои байнипарламентии созмонҳои мазкур низ ҳамкории самарабахш доранд.

Дар идомаи мулоқот масъалаҳои ҳамкории Тоҷикистону Озарбойҷон дар соҳаҳои сиёсиву дипломатӣ, тиҷоратию иқтисодӣ, илмию техникӣ, фарҳангӣ, гуманитарӣ ва ҳарбию техникӣ мавриди баррасии ҷонибҳо қарор гирифтанд.

Бо қаноатмандӣ зикр гардид, ки заминаи устувори рушди ҳамкорӣ ва муносибатҳои байнидавлатии муосири Тоҷикистону Озарбойҷонро таърихи бисёрсолаи робитаҳои байни ҳар ду миллат, ҳамчунин саъю талоши роҳбарони ҳар ду давлат фароҳам овардаанд.

Дар ин зимн, таваҷҷуҳи ҷониби Озарбойҷон ба коркарди муштараки масъалаҳо оид ба афзоиши минбаъдаи ҳаҷми савдои дутарафа ва ба талаботи рӯз мувофиқ гардонидани сохтори он, тавсеаи ҳамкориҳо дар соҳаҳои саноати маъдани кӯҳӣ, сабук, хӯроквории, истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ, кишоварзӣ, мелиоратсия, логистика, сармоягузорӣ, инчунин татбиқи самарабахши қарорҳои Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкории тиҷоративу иқтисодӣ ҷалб карда шуд.

Дар рафти вохӯрӣ дигар ҷанбаҳои мубрами ҳамкории ҷонибҳо, аз ҷумла дар соҳаҳои фарҳангию гуманитарӣ, маориф, сайёҳӣ низ баррасӣ шуданд.

Ҷонибҳо дар доираи рушди ҳамкорӣ байни пойтахтҳо масъалаи бунёди муҷассамаҳои Низомии Ганҷавӣ дар шаҳри Душанбе ва Абӯабдуллоҳи Рӯдакиро дар шаҳри Боку низ баррасӣ карданд.

**www.majmilli.tj**





## ИФТИТОҲИ МАЙДОНИ «ИСТИҚЛОЛ» ВА МАҶМААИ МЕЪМОРИИ РАМЗИ «ИСТИҚЛОЛ» ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ

**8 сентябри соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар пойтахт ба ифтихори 31-солагии Истиқлолияти давлатӣ Майдони «Истиқлол» ва Маҷмааи меъмории рамзи «Истиқлол»-ро ифтитоҳ карданд.**

Аз 121 метр баландӣ иборат будани Маҷмааи меъмории рамзи «Истиқлол» рамзӣ аст, яъне қисми поёнии маҷмаа 30 метр - рамзи 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ ва қисмати болоӣ 91 метр мазмуни дар соли 1991-уми асри гузашта ба даст овардани Истиқлолиятро ифода менамояд.

Масоҳати умумии Маҷмааи меъмории рамзи «Истиқлол» 11 ҳазору 900 метри мураббаъро дар бар гирифта, майдони зери сохтмон 4 ҳазору 761 метри мураббаъ мебошад.

Дар қисмати болои маҷмаа тоҷи қутраш 8 - метра, ки аз титан сохта шудааст, ҷойгир мебошад. Дар рамзи «Истиқлол» тоҷ ҳамчун рамзи давлатдорӣ, истиқлолият, соҳиби давлату тамаддун будан ва таърихи омӯзандаи миллати куҳанбунёди тоҷикро таҷассум мекунад. Пояи маҷмаа пирамидаи ҳаштрӯя буда, аз 7 даромадгоҳ иборат мебошад.

Ёдовар мешавем, ки 26 майи соли 2018 аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таъсиси Комиссияи байниидоравӣ оид ба гузаронидани озмуни кушод байни шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии ватанию хориҷӣ ҷиҳати интихоби беҳтарин лоиҳаи ангоравии Майдони «Истиқлол» бо Маҷмааи меъмории рамзи «Истиқлол» дар шаҳри Душанбе фармоиш ба имзо расид. Озмуни мазкур 11 марти соли 2020 аз ҷониби аъзои комиссия ва мутахассисони соҳа ҷамъбаст гардид. Дар маҷмӯъ, дар озмуни кушод 32 лоиҳа пешниҳод гардид.

Лоиҳа бо рамзи «Тоҷ», ки аз ҷониби гурӯҳи эҷодии Сарраёсати меъморӣ ва шаҳрсозии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе таҳти роҳбарии Раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ таҳия гардид, сазовори ҷои якум шуд. Ин лоиҳа бо бартариҳои афзалиятдор ифодакунандаи ҳама талаботи озмун ва рамзи давлатдорию таърихи тамаддуни оламшумули миллати тоҷик мебошад. Ҳангоми тартиб додани лоиҳа бо рамзи «Тоҷ» лоиҳакашон ҳамчун асос ба рамзи «дарахти ҳаёт» такя намуданд, ки он ғояву мазмуни васеъро ифода ва таҷассум менамояд.

Аз ҷумла, «дарахти ҳаёт» бо реша, тана ва шохаҳои он рамзи зиндагии ҷовидона ва сарсабзию устувории ҳаёт, тоҷпоя - рамзи пойдору устувор ва бардавом нигоҳ доштани тоҷ, ҳафт гунбази гирдогирди муҷассама, рамзи 7 қабати замину осмон, 7 иқлим, 7 ранги асосии табиат ва 7 зинаи ташаккули илму маърифат ва худшиносию ҷаҳоншиносии инсониятро ифода менамоянд.

Маҷмааи майдони «Истиқлол» аз бахшҳои алоҳида иборат мебошад ва Маҷмааи меъмории рамзи «Истиқлол» дар маркази боғ бино ёфтааст, ки аз берун атрофи онро 14 деворнигораи андозаи 9 бар 5,20 метр иҳота намудаанд.

Дар ин чаҳордаҳ деворнигора таърихи зиёда аз шашҳазорсолаи халқи тоҷик, вобаста ба марҳалаҳои таърихӣ бо аксу рамзҳо таҳти унвонҳои гуногун тасвир ёфтааст. Деворнигораҳо бо унвонҳои гуногун, аз қабили «Каюмарс ва Ҷамшед ҳамчун шоҳи аввалини ақвоми ориёӣ, шиносоӣ бо китоби Авесто», «Ба сари қудрат расидани Куруши Кабир ва муттаҳид намудани сарзаминҳои ориёӣ», «Мубоpизаи Спитамен бо Искандари Мақдунӣ» бо номи муҳорибаи «Санги суғдӣ», доир ба се давлати абарқудрати аҷдодӣ - Ашкониён, Кӯшониён, Сосониён, «Деваштич. Давлатдории Тоҳириён ва Саффориён», «Сомониён. Исмоили Сомонӣ. Вазирон, аҳли илму адаб», «Тоҷикон дар асрҳои XI - XVI», «Темурмалик – қаҳрамони халқи тоҷик», дастовардҳои фарҳангии як марҳалаи тӯлонии таърихи ниёгон бо нишон додани акси китобу катибаҳои асримиёнагӣ ва намунаи санъату ҳунар, шоирону адибон аз Абдураҳмони Ҷомӣ то Аҳмади Дониш, доир ба шаҳрҳои бузурги таърихии тоҷикон Саразм, Гонур, Балх, Нисо, Марв, Самарқанд, Бухоро, Тахти Сангин, Хуҷанд, Панҷакенти қадим, Бунҷикат, Ҳулбук, Қалъаи Ҳисор, Ҳирот, Ғазна, «Таърихи нав. Сохтмонҳои бузург», «Давраи истиқлолият. Қасри Арбоб, Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Майдони Дӯстӣ, сохтмони аср – НБО «Роғун» ва дастовардҳои замони истиқлолият барои бинанда маълумот медиҳад.

Дар ошёнаи якуми Маҷмааи «Истиқлол» Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо шароиту имкониятҳои хизматрасонии маҷмаа, аз ҷумла намоишгоҳҳои ҳунарҳои мардумӣ, намунаи дастовардҳои аҳли эҷод, толори синамо ва ҳуҷраҳои корӣ шинос шуданд.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

## ГУФТУГӮИ МАҲМАДТОИР ЗОКИРЗОДА БО СОҲИБА ҒАФОРОВА



**12 сентябри соли 2022 Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода бо Раиси Маҷлиси миллии Ҷумҳурии Озарбойҷон Соҳиба Ғафорова ва ҳайати парлумонии он кишвар, ки ҷиҳати анҷом додани сафари расмӣ ба Тоҷикистон омадаанд, мулоқот намуда, масъалаи тақвияти ҳамкории байнипарламентиро миёни ҳар ду кишвар мавриди баррасӣ қарор доданд.**

Зикр гардид, ки миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Озарбойҷон фазои мусоиди қонуниву ҳуқуқӣ ва сармоягузорӣ ҷиҳати таҳкими ҳамкорӣ дар ҳама соҳа вуҷуд дошта, кишварҳо, ҳамчунин, дорои муштаркоти фарҳангиву таърихианд, ки метавонад заминаи мусоидро барои тақвияти ҳамкориҳо ба вуҷуд орад.

Маҳмадтоир Зокирзода ёдовар шуд, ки фаъолият доштани гурӯҳҳои дӯстӣ ва ҳамкорӣ дар парламентҳои ҳар ду кишвар барои таҳкими ин муносибот заминаи хубро ба вуҷуд меорад. Бoздиди ҳайатҳои парламентии ҳар ду кишвар аз мамлакатҳои ҳамдигар низ барои истифода аз таҷрибаи якдигар дар самти таҳия ва қабули қонун ва дигар санадҳои дорои аҳамияти минтақавӣ ва байналмилалӣ кумак хоҳад кард.

Раиси Маҷлиси миллии Ҷумҳурии Озарбойҷон Соҳиба Ғафорова изҳор дошт, ки нисбат ба мардум ва миллати тоҷик назари нек дорад ва барои таҳкими ҳамкории мамлакаташ бо Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун Раиси парламент аз ҳама имкон истифода мебарад.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,
мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

# ҲАДАФ АЗ БУНЁДИ МУҶАССАМАИ «ИСТИҚЛОЛ» ҲИФЗИ АРЗИШҲОИ ТАЪРИХИВУ ФАРҲАНГИСТ

**Суханронии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ба истифода додани «Майдони Истиқлол» ба муносибати 31-солагии Истиқлолияти давлатӣ**

**шаҳри Душанбе, 8 сентябри соли 2022**



**Ҳамватанони азиз!**

**Сокинони муҳтарами пойтахт!**

**Ҳозирини гиромӣ!**

Ба ифтихори ҷашни бузурги миллӣ - 31-солагии Истиқлолияти давлатӣ, инчунин, ба муносибати ифтитоҳи майдон ва муҷассамаи «Истиқлол» тамоми мардуми шарифи Тоҷикистон, сокинони пойтахт ва ҳамаи шумо – ҳозирини ин чорабинии бошукӯҳи идонаро самимона табрик гуфта, ба кулли шаҳрвандони мамлакат саломативу сарбаландӣ, сулҳу осоиш, хушбахтӣ ва рӯзгори обод орзу менамоям.

Истиқлолияти давлатӣ оғози давраи комилан нав дар таърихи давлатдории тоҷикон, марҳалаи тоза дар ташаккули ҳувияти миллии мо ва муқаддастарину бузургтарин ҷашн барои мардуми Тоҷикистон маҳсуб мешавад.

Истиқлолу озодӣ мояи ифтихору сарфарозӣ ва нангу номуси халқи мост, ки ба шарофати он беш аз се даҳсола инҷониб мо барои ободии Ватани азизамон ҷаҳду талош меварзем.

Бо ифтихору қаноатмандӣ аз заҳмати содиқонаи мардуми шарафманди Тоҷикистон иброз медорам, ки дар арафаи таҷлили 31-умин солгарди Истиқлолияти давлатӣ дар пойтахти мамлакат – шаҳри Душанбе ҳамчун рамзи истиқлолу озодӣ ифтитоҳ гардидани чунин майдони зебо ва муҷассамаи бошукӯҳ боз як дастоварди сокинони кишвар мебошад.

Мо аз неъмати истиқлолу озодӣ шукрона мекунем, ки ба шарофати он то ба имрӯз дар тамоми гӯшаву канори кишвари маҳбубамон ҳазорон иншооти хурду бузург, аз ҷумла муҷассамаи бошукӯҳи «Истиқлол»-ро бунёд кардем.

Вақтҳои охир бо ташаббус ва иқдомоти созандаи роҳбарияти Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе, заҳмати ватандӯстонаи мутахассисону соҳибкорони бонангу номуси кишвар ва сохтмончиёни тоҷик дар пойтахти мамлакат бунёди корхонаҳои истеҳсолӣ, муассисаҳои иҷтимоӣ, роҳу пулҳои муосир, майдонҳои варзиш, боғу гулгаштҳои замонавӣ ва марказҳои хизматрасонӣ вусъати бесобиқа гирифта истодааст.

Ҳадаф аз бунёди Муҷассамаи «Истиқлол» дар пойтахти кишварамон - шаҳри Душанбе, пеш аз ҳама, ҳифзи арзишҳои таърихиву фарҳангии халқи тоҷик, таҷассуми рукнҳои муҳими давлатдорӣ, боз ҳам баланд бардоштани ҳисси худшиносии миллӣ ва дар зеҳну шуури шаҳрвандони мамлакат, хусусан наврасону ҷавонон, тақвият бахшидани андешаи истиқлолу озодӣ мебошад.

Бо истифода аз фурсат, ба роҳбарони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии пойтахт, меъморону мутахассисон, сохтмончиён ва ҳамаи онҳое, ки барои қомат афрохтани муҷассамаи пуршукӯҳи «Истиқлол» ва бунёди майдони зебои он саҳми ватандӯстона гузоштаанд, миннатдории самимии худро изҳор менамоям.

**Ҳамватанони азиз!**

Тамоми азму талош, ташаббусҳои созандаву бунёдкорона ва нақшаву ҳадафҳои стратегии Ҳукумати Тоҷикистон, ки дар замони соҳибистиқлолӣ амалӣ гардидаанд, ба хотири муҳайё сохтани шароити зиндагии шоиста барои ҳар як сокини кишвар, таъмин намудани истиқлоли энергетикии он, таъмини амнияти озуқаворӣ мамлакат ва ба кишвари пешрафтаву саноатӣ табдил додани Ватани маҳбубамон равона шудаанд.

Вобаста ба ин, як нуктаи муҳимро хотирнишон менамоям. Имрӯз мардуми шарифи кишвар хуб дарк кардаанд, ки ҳамаи пешравиҳои Тоҷикистон, пеш аз ҳама, аз баракати истиқлолу озодӣ, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ, яъне иттиҳоду сарҷамъии халқи тоҷик ба даст омадаанд.

Мо минбаъд низ бояд бо муттаҳидиву сарҷамъӣ ва заҳмати аҳлонаву созандаи худ сарзамини аҷдодиамонро боз ҳам ободу зебо намоем ва тамоми имконияту иқтидорамонро ба хотири рушди давлати соҳибистиқлоламон ва болоравии обрӯи он дар арсаи байналмилалӣ сафарбар созем.

Дар ин раванд, хурду бузурги кишвар бояд аҳамият ва зарурати ҳифзи Истиқлолияти давлатӣ ва таҳкими пояҳои давлатдории миллии тоҷиконро амиқан дарк намоянд ва дар хотир дошта бошанд, ки ҳар иқдому ташаббусе, ки ҳар яки мо имрӯз анҷом медиҳем, барои халқи Тоҷикистон ва фардои ободи фарзандонамон, яъне наслҳои оянда мебошад.

Аз ин лиҳоз, зарур аст, ки мардуми мо, бахусус насли ҷавони кишвар, андешаи истиқлоли миллиро ҷузъи муҳимтарину ҷудоинопазири ҳаёт ва ҳастии худ, меҳвари нангу номус ва ҳувияту ғурури миллӣ шуморида, ба хотири таҳкими ҳар чӣ бештари он саъю талош намоянд.

Мо бояд ҳамеша дар ёд дошта бошем, ки Истиқлолияти давлатӣ муқаддастарин ва бузургтарин дастоварди халқи Тоҷикистон, бебаҳотарин неъмати зиндагии мо, мояи ифтихору сарбаландӣ ва нангу номуси хурду бузурги мамлакат ва сарчашмаи тамоми пешрафту комёбиҳои мардуми шарифи кишвар мебошад.

Раванду рӯйдодҳои ҷаҳони пуртазоди имрӯза ба ҳар яки мо ҳушдор медиҳанд, ки барои ҳифзи истиқлолу озодӣ – бузургтарин неъмати зиндагиамон ва ҳимояи манфиатҳои давлату миллатамон ҳамеша ҳушёру омода бошем.

Такроран таъкид менамоям, ки ҳамаи заҳмату талоши мо бояд ба хотири обод намудани Ватани азизамон ва ба қатори давлатҳои пешрафта расонидани Тоҷикистони маҳбубамон сафарбар карда шавад.

Мо бояд ба тарғибу ташвиқи моҳияти давлату давлатдории муосири миллӣ, эҳтироми волоияти қонун, қадру қимати сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ, яъне дастовардҳои Истиқлолияти давлатӣ эътибори доимӣ ва аввалиндараҷа диҳем.

Бо истифода аз фурсати муносиб, мардуми қавиирода ва бонангу номуси Тоҷикистони маҳбубамонро даъват менамоям, ки Ватани азизи худро сидқан ва мисли ҷони хеш дӯст доред, шукронаи ин обу хоки муқаддасро ба ҷо оваред, барои ҳимояи он аз ҳама гуна таҳдидҳои ҷаҳони муосир омода бошед ва ба хотири ободиву сарсабзии ин диёри биҳиштосо даҳчанд саъю талош намоед.

Ман ба азму иродаи шумо – мардуми бонангу номуси Тоҷикистон ва махсусан, ҷавонони ватандӯсту ватанпарасти он эътимоди комил дорам ва медонам, ки аз уҳдаи ин рисолату вазифаи бошараф чун ҳарвақта сарбаландона мебароед.

Бори дигар ҳамаи шаҳрвандони сарбаланди кишвар, сокинони пойтахт ва шумо - ҳозирини арҷмандро ба муносибати 31-солагии Истиқлолияти давлатӣ, ифтитоҳи Муҷассамаи «Истиқлол» ва майдони «Истиқлол, ки рамзи давлатдории миллии тоҷикон мебошад, самимона табрик гуфта, ба ҳар яки шумо фазои орому осуда, иқболи нек ва барору комёбӣ орзу менамоям.

Ҷовидон бод халқи қаҳрамон, шарафманду сарбаланд, ватандӯсту ватанпарвар, бонангу номус ва заҳматкашу қавиродаи Тоҷикистон!

Бигзор сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, ваҳдати миллӣ ва пешрафту ободӣ дар Тоҷикистони азизи мо абадӣ бошад!

**Поянда бод Ватани маҳбуби мо – Тоҷикистони озоду соҳибихтиёр!**

**Тоҷикистони азизи ман!**

**Ба сӯи пешрафту тараққиёт ва фатҳу нусратҳои нав ба пеш!**

# ИФТИТОҲИ МАЙДОНИ «ИСТИҚЛОЛ» ВА МАҶМААИ МЕЪМОРИИ РАМЗИ «ИСТИҚЛОЛ» ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ

**(Идома аз саҳ. 1)**

Ошёнаи якум аз 7 толори кушоду барҳавои намоишгоҳ, қабули меҳмонони олиқадр ва толори синамои 5D бо 12 ҷои нишаст иборат мебошад. Дар ошёнаи дуюм Осорхонаи таърихии шаҳри Душанбе ташкил карда шудааст.

Осорхонаи шаҳри Душанбе аз галерея ва «Тахти тоҷикон» иборат буда, 15 ҳуҷраи корӣ, маҷлисгоҳ ва ҳуҷраи назорати камераҳои мушоҳидавӣ дорад.

Осорхона марҳилаҳои гуногуни таърихиро дар бар гирифта, дар он асосан бозёфтҳое, ки зимни гузаронидани кофтуковҳои археологӣ дар ҳудуди шаҳри Душанбе дарёфт гардидаанд, ҷамъоварӣ шудааст. Аз ҷумла, дар Осорхонаи шаҳри Душанбе табарҳои сангӣ, ки аз маҳаллаи Лучоб ва соҳили дарёи Душанбе дарёфт гардида, мутааллиқ ба асри санг мебошанд, ҷой дода шудаанд. Мавҷудияти чунин ёдгориҳо гувоҳи он аст, ки Душанбе дорои таърихи қадима буда, дар ҳудуди он аз давраҳои қадим ҳунару ҳунармандӣ, фарҳангу оинҳои гуногун рушд карда буд.

Иншоот мувофиқ ба талаботи муосири осорхонашиносӣ ва ороиши замонавӣ бино ёфтааст. Экспонатҳои осорхона доир ба таърихи қадимаи Душанбе ва рушди шаҳр дар давраи навтарин ба тамошобинон маълумоти муфассал манзур менамоянд. Ҷобаҷогузории нигораҳо мувофиқ ба хронологияи таърихӣ амалӣ шудааст.

Дар осорхона Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо тахти рамзии Шоҳ Исмоили Сомонӣ, ки бо назардошти арзишҳои таърихӣ сохта шудааст, шинос шуданд.

Он пурра бо усули миллӣ ороиш ва кандакорӣ шудааст. Иттилоъ дода шуд, ки тоҷи дар болои тахт ҷойдодашуда аз тиллои тозаи истеҳсоли Тоҷикистон сохта шудааст. Тоҷро сангҳои қиматбаҳо, аз қабили алмосҳои диаметрашон 3 ва 2 - миллиметра, ёқути кабуди диаметраш 15 миллиметр, тилло ва тиллои сафед ва лаъли Бадахшон бо андозаи 22 ба 15 - миллиметра зинат медиҳанд. Дар рӯи тахт фарри шоҳии тиллоӣ гузошта шудааст. Фарр, ки нишони давлатдорӣ ва тахту тоҷ аст, бо 68 шуои зардӯзӣ оро ёфта, бо тоҷи заррин пайваст шудааст ва ин ишора ба эҳёи нави Тоҷикистони соҳибистиқлол ва 68 шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ мебошад. Ҳар як риштаи зардӯзишуда бо риштаи филизии тиллоӣ кашида шудааст.

Аз ҳар ду тарафи тахт грифҳо ё худ шерҳои болдор бо минқори уқоб ҷойгир аст, ки бо шакли бозубанд аз Хазинаи Амударё ёфт шудааст. Бояд гуфт, ки тасвири шери болдор ҳамчун нигоҳдорандаи тахт ва қудрат байни мардуми Бохтари қадим хеле маъмул буд. Тахт дар байни чортоқ ҷойгир буда, атрофи онро сутунҳои чӯбини бо сангҳои қиматбаҳои маҳаллӣ оро-ёфта иҳота кардаанд. Паси тахт бо деворнигораҳои Панҷакенти қадим, Варахша, Афросиёб ва Бунҷикат бо истифода аз сангҳои қиматбаҳо сохта шудааст.

Атрофи онро ҳафт калиди тиллоии рамзӣ аз ҳафт шаҳри қаламрави имрӯзаи ҷумҳурӣ Душанбе, Саразм, Хуҷанд, Истаравшан, Ҳисор, Ямчун ва Хулбук, инчунин нусхаи намунаҳои санъати волои Хазинаи Амударё - бозубанди тиллоӣ ва Аробачаи тиллоӣ гузошта шудааст.

Бо назардошти арзиши гарони таърихӣ доштани ашёи гирдовардашуда, Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъулинро вазифадор намуданд, ки ба хотири ошно намудани шаҳрвандони кишвар, насли наврасу ҷавон ва сайёҳони дохиливу хориҷӣ бо таъриху тамаддуни бой, фаъолияти осорхонаро бештар тарғиб намуда, мутахассисони беҳтаринро барои муаррифии гӯшаҳои он ҷалб намоянд.

Аснои боздид аз осорхона Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба олимону бостоншиносон барои ҳифзи ҳамаҷонибаи ин ёдгориҳои гаронарзиш, густариши фаъолияти осорхонаи навтаъсис, ҷалби бештари тамошобинон ба сайри осорхона, ошно намудани наврасону ҷавонон бо таъриху тамаддуни куҳанбунёди миллӣ ба воситаи ёдгориҳои ба намоиш гузошташуда ба шаҳрдории Душанбе ва масъулони осорхона дастуру маслиҳатҳои муфид доданд.

Баъди боздид аз осорхона Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар майдончаи тамошои намои пойтахт зебоиҳои шаҳрро мушоҳида карданд.

Бояд гуфт, ки яке аз ҷойҳои ҷолиби Маҷмааи рамзи «Истиқлол» майдони тамошои он мебошад. Он дар ошёнаи 14 дар сатҳи 94 метр ҷойгир аст. Майдони тамошо доирашакл буда, дорои 4 дурбини калонҳаҷм аст. Масоҳати умумии Майдони «Истиқлол» 30 гектар буда, 2,7 гектарашро макони баргузории чорабиниҳои сиёсию фарҳангӣ ташкил медиҳад.

Дар он беш аз 200 сокини маҳаллӣ, ки шумораи зиёди онҳоро занон ташкил медиҳанд, бо ҷои кор таъмин гардиданд.

Ин иншооти муҳташам аз Маҷмааи рамзи «Истиқлол», минбар, дарвозаи марказӣ ва дарвозаҳои шимолию ҷанубӣ, фавворахо, деворнигораҳо, майдони баргузории роҳпаймоӣ, гулгашт, таваққуфгоҳҳо ва ғайра иборат аст.

Дарвозаи марказии майдон, ки 43,8 метр дарозӣ, 9 метр паҳноӣ ва 32,67 метр баландӣ дорад, бо истифода аз масолеҳи баландсифат бунёд шудааст ва он дар қисмати хиёбони Рӯдакӣ воқеъ мебошад.

Дар Майдони «Истиқлол» бо ибтикори Сарвари давлат дар давоми ду сол зиёда аз 7,5 ҳазор бех дарахтони ҳамешасабзу ороишии нодир шинонида шуд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шахсан аксари дарахтони нодирро 20 сол қабл аз хориҷи кишвар оварда, дар боғи «Қасри миллат» парвариш карданд. Ин дарахтон бо иштироки бевоситаи Сарвари давлат дар гӯшаҳои гуногуни Майдони «Истиқлол» шинонида шудааст.

Тарҳи лоиҳаи бунёди ин мавзеи дилкаш бо санъати нотакрор ва бо риояи меъёрҳои бунёди марказҳои фарҳангию фароғатӣ бо завқи баланди зебоипарастӣ ва табиатдӯстӣ аз ҷониби Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таҳия гардидааст.

Акнун баъди ба истифода додани Майдони «Истиқлол» ин мавзеъ майдони асосию марказӣ, қалби пойтахт ва каъбаи умеди тоҷикистониён ва тоҷикони ҷаҳон гардид, зеро дар ин ҷо рамзи истиқлолу озодӣ, ки хоҳишу талоши миллати сарбаланди тоҷик аст, гузошта шудааст.

Минбаъд дар ин мавзеи дилфиреб чорабиниҳои сатҳи олии ифодакунандаи дастовардҳои даврони соҳибистиқлолии тоҷикон баргузор мегардад.

Сипас, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар назди меҳмонон ва иштирокчиёни чорабинии идона суханронӣ карда, ҳамаи ҳозирин ва дар шахси онҳо тамоми мардуми сарбаланди кишварро ба ифтихори 31- солагии Истиқлолияти давлатӣ табрику таҳният гуфтанд.

Барномаи пуршукӯҳи идонаро ба муносибати Истиқлолияти давлатӣ ҳунарнамоии устодони санъати тоҷик, аҳли ҳунари Тоҷикистон ва ҳамоиши хонандагону донишҷӯёни коллеҷу мактабҳои олии пойтахт, ки беш аз 30 000 нафарро ташкил медод, идома бахшид.

Дар чорабинии бошукӯҳи идона аз ҷониби аҳли ҳунар сурудҳои тараннумкунандаи зебоиҳои диёри бостонӣ, шукӯҳу шаҳомати Ватани азиз, дастовардҳои Истиқлолияти давлатӣ, васфи ташаббусҳои ҷаҳонӣ ва хислатҳои башардӯстии Пешвои миллат пешкаш карда шуд.

**www.president.tj**

# ТАБРИКОТИ

## роҳбарони кишварҳои хориҷӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, шахсиятҳо ва сиёсатмадорони маъруф ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибати ҷашни Рӯзи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Ба унвонии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати ҷашни 31 - солагии соҳибистиқлолии кишвар шахсиятҳои зерин номаҳои шодбошӣ ирсол намуданд:**

Президенти якуми Ҷумҳурии Қазоқистон Нурсултон Назарбоев, Амири Давлати Қатар Тамим бин Ҳамад Оли Тани, Подшоҳи Шоҳигарии Нидерланд Уилям-Александр, Капитан-регентҳои (роҳбарони) Ҷумҳурии Сан-Марино Оскар Мина и Паоло Ронделли.

Воридшавии паёмҳои шодбошӣ ба унвони Пешвои миллат идома дорад.

# НОМАИ ҲАМДАРДӢ

**9 сентябри соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Подшоҳи Подшоҳии Муттаҳидаи Британияи Кабир ва Ирландияи Шимолӣ муҳтарам Карли III номаи ҳамдардӣ ирсол намуданд, ки дар он омадааст:**

**«Аълоҳазрат!**

Хабари даргузашти Улёҳазрат Маликаи Подшоҳии Муттаҳидаи Британияи Кабир ва Ирландияи Шимолӣ Елизаветаи II боиси андуҳи амиқи мо гардид.

Улёҳазрат Елизаветаи II бо фаъолияти доманадори худ дар маснади Маликаи Подшоҳӣ хислату муҳтавои як давраи муҳими рушди кишварро муайян намуда, дар арсаи байналмилалӣ соҳиби обрӯву эътибори баланд ва эҳтиром гардида буд.

Ҷониби Тоҷикистон саҳми марҳумро дар рушду тавсеаи равобити нек ва ҳамкориҳои Тоҷикистону Подшоҳии Муттаҳидаи Британияи Кабир ва Ирландияи Шимолӣ қадрдонӣ менамояд ва ба шахсияти ӯ сидқан эҳтиром мегузорад.

Дар иртибот ба ин мусибати гарон бо ибрози тасаллӣ ва таъзияи самимии худ ба Шумо, Аълоҳазрат, ҳамаи наздикону пайвандонатон ва мардуми дӯсти Подшоҳии Муттаҳидаи Британияи Кабир ва Ирландияи Шимолӣ сабри ҷамил хоҳонам».

# НОМАИ ШОДБОШӢ

**12 сентябри соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Подшоҳи Подшоҳии Муттаҳидаи Британияи Кабир ва Ирландияи Шимолӣ муҳтарам Карли III барқияи номаи шодбошӣ ирсол намуданд, ки дар он, аз ҷумла, омадааст:**

«Аълоҳазрат!

Бо камоли сарфарозӣ ба Шумо табрикоти самимона ва таманниёти неки ин ҷонибро ба муносибати ба даст гирифтани зимоми умури Подшоҳи Подшоҳии Муттаҳидаи Британияи Кабир ва Ирландияи Шимолӣ иброз менамоям.

Ба Шумо сиҳатмандии комилу дар иҷрои ваколатҳои сермасъулатон комёбиҳои рӯзафзун, ба Подшоҳии Муттаҳида ва мардуми он сулҳу субот ва пешрафту шукуфоии пойдор хоҳонам.

Британияи Кабир соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар қатори аввалинҳо ба расмият пазируфт ва дар ибтидои соли равон мо 30-солагии истиқрори робитаҳои дипломатии байни давлатҳоямонро ҷашн гирифтем.

Раванди рушди муносибатҳои ҳамкории ҳар ду кишвар таи ин давра боиси қаноатмандии мост ва ҷониби Тоҷикистон ҳамеша алоқаманди таҳкими бештари он дар ҳама арсаҳои мавриди таваҷҷуҳи тарафайн мебошад.

Изҳори умед менамоям, ки бо талошҳои пайгиронаи муштарак шарикии созандаи кишварҳоямон минбаъд низ дар маҷрои усулҳои дӯстиву ҳамдигарфаҳмӣ, эҳтироми якдигар ва мутобиқ ба манфиатҳои аслии ҳар ду ҷониб густаришу тавсеа хоҳад ёфт.

Лутфан, Аълоҳазрат, эҳтироми фоиқаи моро бипазиред».

**www.president.tj**

# ҶАЛАСАИ ТАНТАНАВӢ БА МУНОСИБАТИ ҶАШНИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ

**(Идома аз шумораи гузашта)**

Тавре дар шумораи гузашта иттилоъ додем, 8 сентябри соли 2022 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода бахшида ба 31 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаласаи тантанавӣ таҳти унвони «Истиқлолият - рушди давлатдории навини тоҷикон» баргузор гардид, ки дар он вакилони Маҷлиси намояндагон, кормандони масъули Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва намояндагони воситаҳои ахбори омма иштирок карданд.

Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода дар оғози кори ҷаласа аз аҳамияти сарнавиштсози истиқлолият сухан гуфта, онро дар ташаккули давлатдории навини тоҷикон муҳим арзёбӣ намуд.

- Истиқлолият ба мо имкони таърихие фароҳам овард, ки Ватанамонро соҳибӣ кунем, давлатдории миллиро барпо намоем ва ормонҳои деринаи халқамонро амалӣ гардонем. Бо дарки ин масъулияти бузург Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон зери роҳбарии бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон то ба имрӯз пайваста талош дорад, ки пояҳои сиёсиву иқтисодӣ ва заминаҳои иҷтимоиву маънавии Истиқлолияти давлатиро тақвият бахшида, барои рушди бемайлони соҳаҳои ҳаёти давлат ва ҷомеаи кишвар шароити мусоид фароҳам созад,- афзуд Маҳмадтоир Зокирзода.

Муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадалӣ Ватанзода дар мавзӯи «Истиқлолият - рушди давлатдории навини тоҷикон» баромад карда, ёдовар шуд, ки 9 сентябри соли 1991 Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи эълон намудани Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардида, ин рӯз иди миллӣ эълон карда шуд. Ин туҳфа ба миллате буд, ки дар масири таърих аз озмоишҳои зиёди сахту сангин гузашта, новобаста ба шебу фарози таърих дастовардҳои оламшумули фарҳанги асил, илму адабиёт, ҳувияти миллӣ ва забони ноби модарии шоиронаро нигоҳ доштааст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон истиқлолиятро волотарин ва пурарзиштарин дастоварди давлату давлатдории тоҷикон дар таърихи навтарин шуморида, зикр кардаанд, ки он дар заминаи давлатҳои навтаъсиси Иттиҳоди Шӯравӣ арзи ҳастӣ намуда, баъдан, ҳамчун шакли давлатдории мутамаддину пешрафта ташаккул ёфта, ба камол расид.



Маҳз Истиқлолияти давлатӣ имкони воқеӣ фароҳам овард, ки роҳро ҳамчун давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ интихоб ваояндаи миллату пешрафти минбаъдаи мамлакатро муайян намоем. Истиқлолият барои мо нишони барҷастаи пойдории давлат, бақои миллат, рамзи асолату ҳувият, шарафу эътибори ба ҷаҳони мутамаддин пайвастани кишвари соҳибистиқлоли Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

- Таърих гувоҳ аст, ки халқу миллатҳо ба истиқлолияти миллӣ бо роҳҳои гуногун мерасанд. Муборизаи баъзеҳо солҳои тӯлонӣ давом меёбаду онҳо бо баҳои қурбонии зиёд ба истиқлолият мерасанд, гурӯҳи дигаре тавассути табаддулоту инқилоб. Халқиятҳое, ҳастанд, ки солҳо барои истиқлолият ва озодӣ мубориза мебаранду то ҳол шаҳди онро начашидаанд. Аз нигоҳи аввал Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи осоишта, бе муборизаи шадид ва бе хунрезиҳо ба даст омадааст. Вале таърихи мубориза барои истиқлолият танҳо бо эълони Истиқлолияти давлатӣ дар солҳои 1990-1991 маҳдуд намешавад,- таъкид намуд Маҳмадалӣ Ватанзода.

Номбурда ёдовар шуд, ки муборизаи халқи тоҷик барои истиқлолият таърихи дурудароз дорад. Баъди фурӯпошии давлати Сомониён мавқеи тоҷикон низ коста гардида, ба ташкили давлати миллӣ имконият надоштанд. Ҳарчанд забони тоҷикӣ забони давлатӣ ва коргузории аҷнабиён ба ҳисоб мерафт, лек соҳиби давлат дигарон буданд. Вале ин миллати куҳанбунёд дар ин шароити вазнин на танҳо тавонист ҳувияти миллии худро нигоҳ дорад, балки пайваста дар паи истиқлолияти миллӣ буд.

Илова бар ин, бо пайдоиши имконият мардони баору номус ҷиҳати озодӣ аз истилогарон сар мебардоштанд. Новобаста ба натиҷаи ин шӯришу муқовиматҳо ҳаракатҳои озодихоҳӣ хомӯш намешуданд ва бо гузашти вақт такрор меёфтанд.

Тавре аз таърих медонем, дар аморати Бухоро, ки Тоҷикистони имрӯза ҳудудан ба он дохил мешуд, ҳудуди маъмурие бо номи Тоҷикистон мавҷуд набуд. Аз ин ҷост, ки баъди ғалабаи Инқилоби Октябр бо номи Туркистони шарқӣ ва Ӯзбекистон ҷумҳуриҳои алоҳида ташкил карда шуданд ва дар онҳо ишорае аз тоҷикону Тоҷикистон набуд. Ин ҳолат, албатта, фарзандони бонангу номуси тоҷикро ором намегузошт. Баъди ғалабаи Инқилоби Октябр, соли 1924 бо ҷонбозиҳои фарзандони бонангу номуси тоҷик Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон дар ҳайати Ҷумҳурии Ӯзбекистон ташкил карда шуд. Ин кори осон набуд, зеро душманон бо ҳар роҳу восита дар хусуси миллати тоҷик маълумоти дурӯғу ивғогарона паҳн мекарданд.

Вале таъсиси Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон низ фарзандони баору номус ва бофарҳанги тоҷикро хотирҷамъ накард. Устод Садриддин Айнӣ дар шинохти тоҷикон хизмати назаррас намуда, чандин асарҳои пурмуҳтаво навиштанд. Фарзандони барӯманди тоҷик Шириншоҳ Шоҳтемур, Нусратулло Махсум ва дигар зиёиён низ бо истифодаи ҳама восита барои истиқлолияти давлати навтаъсис кӯшишу талош менамуданд.

Натиҷаи ҳамин ҷонбозиҳо буд, ки соли 1929, Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон аз ҳайати Ҷумҳурии Ӯзбекистон баромада, ҳамчун ҷумҳурии мустақил дар ҳайати Иттиҳоди Шӯравӣ ташкил ёфт ва он қадами навбатӣ дар шинохти давлати тоҷикон ба шумор меравад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Истиқлолияти давлатӣ бо роҳи осоишта, бе ҷангу хунрезӣ расид ва имконият дошт барои иҷрои вазифаҳое, ки аз Эъломияи истиқлолияти давлатӣ бармеомаданд, оғоз намояд. Мутаассифона, ин имконияти таърихӣ, яъне истиқлолияти давлатӣ мувофиқи талаботи вақт истифода нагардид. Шояд истиқлолияти бадастомада ба қувваҳои навзуҳури сиёсӣ, ки таҷрибаи сиёсӣ надоштанд, ҳиссиёти худбоварии зиёдатиро дод, ки онҳо ба ҷои ягонагию ваҳдат ба зиёдаравӣ оғоз намуданд. Қувваҳои муайяни хориҷӣ, ки дар минтақа манфиатҳои ғаразноки худро доштанд, ба осиёби ин гурӯҳҳо об мерехтанд. Баъди даҳ рӯзи эълони истиқлолият тазоҳуроту муқовиматҳои шаҳрвандӣ оғоз гардиданд, ки онҳо оқибат ба ҷанги фоҷиабори шаҳрвандӣ оварда расониданд, - иброз намуд Маҳмадалӣ Ватанзода.

**(Давомаш дар саҳ. 3)**

# ҶАЛАСАИ ТАНТАНАВӢ БА МУНОСИБАТИ ҶАШНИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ

(Идома аз саҳ. 2)

Хатари парокандашавии давлатро эҳсос намуда, вакилони Шӯрои Олӣ тасмим гирифтанд, ки иҷлосияи навбатии Шӯрои Олиро дар шаҳри Хуҷанд доир намоянд, зеро дар шаҳри Душанбе аз нигоҳи бехатарӣ гузаронидани иҷлосия хатарнок буд. 16 ноябри соли 1992 дар қасри Арбоби ноҳияи Бобоҷон Ғафуров вакилони Шӯрои Олӣ ба Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъ омаданд. Шӯрои Олӣ масъулияти бузургро дар назди таърих, миллат, Ватан ва ҷомеаи ҷаҳонӣ ба дӯши худ гирифта, дар роҳи ба даст овардани сулҳу ризояти миллӣ ва аз вартаи нестӣ раҳонидани ҷумҳурӣ қадами ҷиддӣ гузошт. Инчунин, дурнамои вазъи сиёсӣ ва иқтисодии кишварро дар он иҷлосия муайян намуданд.

Дар ҳоле ки давлат дар вартаи вазнин қарор дошт ва умеди наҷот тира буд, масъулияти сарварӣ ба дӯши вакили ҷавон ва серғайрат Эмомалӣ Раҳмон вогузошта шуд, ки ӯ барои якпорчагии давлат ва ҳимояи сохти конститутсионӣ омода буд синаро сипар намояд. Тамоми дастоварду пешравиҳои сию як соли истиқлолият бо ин абармарди таърихӣ алоқаи ногусастанӣ дорад. Маҳз тахти роҳбарии хирадмандонаи ӯ сулҳ, ваҳдату ягонагӣ дар мамлакат пойдор гардид, ки ҳоло шаҳди онро чашида истодаем.

Таърихи имрӯзаи соҳибистиқлолии давлат собит намуд, ки Пешвои миллат ба ваъдаи додааш ва принсипҳои эълоннамудаи давлатсозиаш содиқ асту барои таъмини сулҳу суботи сиёсӣ, волоияти қонун, пешрафти иқтисодиву иҷтимоии ҷомеа ва давлат, обрӯву эътибори Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ҳама корро ба сомон мерасонад.

Бинобар ин, бояд аз пештара дида бештар дар атрофи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муттаҳид бошем ва ба ягон қувваи бадхоҳ имкон надиҳем, ки ба истиқлолияти Тоҷикистон таҳдид кунад, - гуфт Маҳмадалӣ Ватанзода.

Узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ Солеҳа Холмаҳмадзода зимни баромад дар мавзӯи «Рушди иҷтимоиёт - таҳкимбахши истиқлоли давлатӣ» иброз дошт, ки Истиқлолияти давлатӣ рамзи пойдорӣ ва бардавомии давлатдорӣ, ифтихор аз таъриху фарҳанг, дарки масъулият барои ҳаёти созанда, бунёди ҷомеаи адолатпарвар ва ифодакунандаи мақсаду мароми халқ аст.

Иҷтимоиёт яке аз самтҳои муҳими давлат буда, сатҳи некуаҳволии халқ маҳз ба ҳамин ниҳод вобастагӣ дорад. Баъди ба низом даромадани рушди иқтисодиёт бо мақсади баланд бардоштани сатҳи зиндагонии аҳолӣ ва ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ масъалаи таҳияи «Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Тоҷикистон» пеш омад. Дар роҳи татбиқи ин ҳадафҳо, Ҳукумати мамлакат «Стратегияи миллии рушд барои то солҳои 2007-2009, 2010-2012, 2015» - ро қабул намуд, ки ин санадҳои муҳим як қатор масъалаҳои иҷтимоиро дар мамлакат ҳал карда, ҷиҳати беҳбуд бахшидан ба зиндагии халқ мусоидат намуданд. Дар ин ҷода, дар бист соли охир се ҳуҷҷати стратегии паст кардани сатҳи камбизоатӣ, ду барномаи баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум амалӣ гардида, ҳоло татбиқи «Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030» ва 176 барномаи давлатӣ идома дорад.

- Таи солҳои соҳибистиқлолӣ дар мамлакат беш аз 3,3 миллион ҷои кори доимӣ ва мавсимӣ таъсис дода шуда, шароити зиндагии сокинони мамлакат тадриҷан беҳтар гардида истодааст. Аз ҷумла, дар ин давра музди миёнаи меҳнат 87 баробар, андозаи нафақа 80 баробар ва даромади пулии аҳолӣ 75 баробар афзоиш ёфт. Сатҳи камбизоатӣ аз 83 фоизи соли 1999 ба 26,3 фоиз дар соли 2019 коҳиш дода шуд, ки аз ҷумлаи муҳимтарин дастовардҳои даврони соҳибистиқлолӣ ба ҳисоб меравад, - гуфт Солеҳа Холмаҳмадзода.

Номбурда ёдовар шуд, ки ҳифзи саломатӣ ва таъмини хизматрасонии босифати тиббӣ ба шаҳрвандон, фароҳам овардани тарзи ҳаёти солим аз ҷумлаи вазифаҳои асосии давлати Тоҷикистон ба шумор меравад. Дар ин давра 2723 иншооти соҳаи тандурустӣ, аз ҷумла 1546 иншоот ба маблағи 3,5 миллиард сомонӣ аз ҳисоби буҷети давлат бунёд ва мавриди истифода қарор дода шуд. Дар баробари ин, ҳоло дар кишварамон тибби хусусӣ рушд ёфта, дар муассисаҳои хусусии тиббӣ табобату ташхисҳои бемориҳои гуногун ба роҳ монда шудааст.

Боиси сарфарозӣ ва сарбаландист, ки ҳоло занон ва бонувон дар ҳама соҳа фаъолияти босамар дошта, дар ҳаёти сиёсӣ, ҳокимияти давлатӣ ва интихоботи парлумон фаъолона ширкат намуда, сафи онҳо дар ҳама шохаи ҳокимият бамаротиб зиёд гардидааст.



- Тоҷикистонро бо дастовардҳои сершумораш ояндаи дурахшон дар пеш аст. Аз ин рӯ, расидан ба ин неъмати бебаҳо, яъне Истиқлолияти давлатӣ ва ба он арҷ гузоштан, инчунин онро ҳифз кардан, вазифаи муқаддаси ҳар яки мост, - иброз намуд Солеҳа Холмаҳмадзода.

Муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот Саодатшо Матробиён дар мавзӯи «Мафҳуми истиқлолият ва андешаи миллӣ» баромад кард. Аз ҷумла, гуфт, ки дар тафаккури миллии мо истиқлолият рамзи озодии шаҳрванд ва соҳибихтиёриву мустақилии давлат аст.

- Вожаи истиқлол маънои умумиро ифода мекунад, бинобар ин он наметавонад ба маънои мушаххаси истиқлолият истифода шавад, зеро тасвири забонии ҷаҳони тоҷикон ба ин имкон намедиҳад. Ин гуна калимаҳо дар забони тоҷикӣ бешуморанд, ба монанди ҳуррият, моликият, имконият, зиддият, муваффақият, тобеият, маҷбурият, ҳокимият, тамомият, масъулият ва ғайра. Чунин навъи калимаофаринӣ хоси ҳама забонҳост, ки мувофиқи он дар қолаби грамматикӣ ин ё он калимаи иқтибосиро чархиш дода, вобаста ба табиати забон калима меофаранд. Ҳамин ҳолатро мо дар калимаи истиқлолият мебинем, ки дар қолаби калимасозии тоҷикӣ сохта шуда, як мафҳуми навро касб намудааст, - гуфт Саодатшо Матробиён.



Донишмандони дақиқназари тоҷик мафҳуми истиқлолиятро ҳамчун истилоҳ шарҳ дода, онро рафтори озодона, мустақилона ва бомантиқ дар муҳити кишвари обод медонанд. Аз нуқтаи назари истилоҳоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ низ дар тамоми санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ вожаи истиқлолият ба маънои амалкарди фаъоли принсипҳои гуногун, идоракунии муназзами воҳидҳои маъмурӣ ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии байналмилалӣ ва конститутсиониро ифода менамояд. Бинобар ин, ҳақ надорем, ки бар хилофи қонунҳои амалкунандаи кишвар дар ҷои мафҳуми «Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мафҳуми «Истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро истифода барем.

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чанд маротиба вожаи истиқлолият истифода шудааст. Масалан, дар банди 3-и моддаи 7 омадааст: «Соҳибихтиёрӣ, истиқлолият ва тамомияти арзии Тоҷикистонро давлат таъмин менамояд» ё дар банди 1-и моддаи 11 омадааст: «Тоҷикистон сиёсати сулҳҷӯёнаро ба амал татбиқ намуда, соҳибихтиёрӣ ва истиқлолияти дигар давлатҳои ҷаҳонро эҳтиром менамояд ва муносибатҳои хориҷиро дар асоси меъёрҳои байналмилалӣ муайян мекунад». Ҳамчунин, вожаи истиқлолият дар моддаи 67 дар матни қасами Президент дар шакли «истиқлолияти сиёсиву иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистон» омадааст.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» бо мазмуни зер омадааст: «Рӯзи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон – 9 сентябр». Аз ин рӯ, ҳамчун истилоҳи ҳуқуқӣ ва сиёсӣ наметавонем, муродифе нисбати ин мафҳум истифода барем.

- Дар андешаи бунёдии мардуми соҳибфарҳангу соҳибтамаддуни тоҷик истиқлолият ҳамчун рамзи олии озодиву ватандорӣ ва давлатсозию давлатдории мустақил, созандагиву бунёдкорӣ ва фатҳи қуллаҳои музаффарияту муваффақиятҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ буда, омили асосии ҳифзи марзу буми кишвар, меъёрҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҳаёти озодонаи ҳар фард ва олитарин дараҷаи бахту саодати воқеии миллат инъикос меёбад.

Дар пиндори миллати тоҷик истиқлолият сутуни барҷастаи пойдор мондани давлат, таҳкимбахши худшиносиву худогоҳӣ, сарчашмаи ормонҳои таърихӣ, омили асосии шинохту эътирофи Тоҷикистон ба ҳайси як давлати соҳибихтиёру демократӣ ва ягона мебошад, - иброз намуд Саодатшо Матробиён.

Вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ғайрат Азиззода маърӯзаашро бо чунин суханон оғоз намуд:



- Нобиғаҳо дар даврони фаъолияташон на барои хеш, балки барои қавмашон хидматҳои шоиста мекунанду таърихан ояндаро комил месозанд. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мисли ситораи бахт, чун равшании фараҳбахш аз миёни мушкилию монеаҳо, торикию зулмот на танҳо солим гузашт, балки бо ғами халқ ва фикри мардум, аз рӯҳи ниёгони миллат ғизо гирифта, мисли офтоб зимистони қаҳратуни миллатро ба баҳори сабз табдил дод.

Танҳо чунин шахс, чунин роҳбар қудрат дошт, ки оташи ҷанги шаҳрвандиро дар муддати кӯтоҳ хомӯш созад. Фақат ҳамин дастоварди Пешвои миллатамон кофӣ аст, ки ба ӯ ҳамчун қаҳрамон ва наҷотбахши миллату давлат арзи эҳтиром намоем.

Эмомалӣ Раҳмон, бешубҳа аз зумраи шахсиятҳо ва нухбагони сиёсати ҷаҳониянд, ки дар масъалаҳои глобалӣ ва усулии низоми идора, пешбурди ҷомеа, ҳалли масоили мубрам, таъмини субот ва рушди иқтисод тарозуи манфиатҳои миллӣ ва давлатиро тарзе мегузоранд, ки нозуктарин манфиатро бо оқибатҳои наздику дураш, хурдтарин зарарро бо пасманзарҳои иқтисодӣ ва сиёсиаш дарк ва эҳсос менамоянд. Ин кори мардони одӣ нест, балки сифати қаҳрамонон ва нухбагони сиёсат ва илм аст. Онҳоро наметавон бо як ҳукм либерал, демократ, ислоҳотгаро, консерватор, иҷтимоъгаро, анъанапараст ва ғайра номид. Бузургии эшон дар он аст, ки тафаккури ҳаракаткунанда ва таҳлилгари онҳо дар ҳама ҳолати ҳаётӣ усул ва тартиби беҳтарини интихоби арзишҳоро ба манфиати миллат, давлат ва минтақаи боваркардашуда дар даст доранд.

- Ҳоло бо дарки масъулият дар назди таърих, дар назди номи неки миллат ва дар наздиояндагон мо мардуми Тоҷикистон атрофи Роҳбари давлат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муттаҳид шуда, Истиқлолияти давлатиро бо кору фаъолияти содиқона, беғаразона ва дастовардҳои назарраси меҳнатӣ муаррифӣ ва ҳифз намоем, - иброз намуд Ғайрат Азиззода.

Баъди ба анҷом расидани маърӯзаҳо Маҳмадтоир Зокирзода таъкид намуд, ки муҳимтарин дастоварди мо таъмини сулҳу оромӣ, аз хатари нобудшавӣ, наҷот додани давлатдории миллӣ ва аз парокандагӣ раҳо бахшидани миллатамон мебошад.

Талошу заҳматҳои пайвастаи Пешвои миллат имконият фароҳам овард, ки сохтори мукаммали идоракунӣ, Ҳукумати муосир, парламенти касбӣ ва дигар рукнҳои зарурии давлатдории худро тибқи меъёрҳои нав бунёд намоем. Аз ин ҷост, ки мардуми шарифи Тоҷикистон Рӯзи Истиқлолияти давлатиро ҳамчун иди бузурги миллӣ ва рамзи эҳтирому эътиқод эътироф намуда, маҳбубияту шукргузории хешро дар ин рӯзҳо ба Президенти кишвар ҳамчун кафили ояндаи дурахшони Тоҷикистон самимона изҳор менамоянд.

Дар фарҷоми иҷлосия ба қисме аз вакилони Маҷлиси намояндагон ва кормандони масъули Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон дар маросими тантанавӣ аз ҷониби Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода «Ифтихорнома»-и Маҷлиси намояндагон супурда шуд.

**Хӯҷаназар АМИНИЁН,**
**Сайфиддин СУННАТӢ,**
**«Садои мардум».**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

**Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар зарфи 31 соли Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба пешравиҳои зиёд ноил гардида, дар ин раванд бунёдкориву созандагӣ бомаром ҷараён дорад. Дар робита бо нақши арзандаи соҳибистиқлолӣ дар рушди вилоят ва дигар паҳлуҳои он бо раиси ВМКБ Мирзонабот Алишер Худобердӣ суҳбат доштем.**



# Алишер МИРЗОНАБОТ: «35 – СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТИРО БО ДАСТОВАРДҲОИ АРЗАНДА ИСТИҚБОЛ МЕГИРЕМ»

**- Муҳтарам раис, тавре маълум аст, имсол ба ҷашни бузурги умумимиллӣ - Истиқлолияти давлатӣ 31 сол пур мешавад ва албатта ин ормони чандинасраи миллати мо буд, ки як давлати комили миллӣ дошта бошем. Перомуни пешравии вилоят дар замони соҳибистиқлолӣ чӣ назар доред?**

- Албатта, ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ рӯйдоди хеле муҳими таърихӣ ва тақдирсоз барои миллати азияткашидаи тоҷик буда, он ормони чандинасраи мардум аст. Ҳоло ба хотири гиромидошти ин санаи тақдирсоз барои мардуми шарифи тоҷик дар тамоми гӯшаю канори мамлакат, аз ҷумла дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бо шукӯҳу шаҳомати хос тантанаҳо идома доранд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки ҳамчун меъмори давлати навини тоҷикон эътироф гардидааст, истиқлолиятро барои халқ ҳадяи бебаҳои таърих номида, устувору пойдор нигоҳ доштани онро масъулияти таърихии наслҳои имрӯза арзёбӣ намудаанд.

Ба туфайли Истиқлолияти давлатӣ ва дар доираи амалигардонии чор ҳадафи стратегӣ Тоҷикистони азизамон тавонист, ки дар муддати кӯтоҳ босуръат рушд намояду аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳо ёбад ва истиқлолияти энергетикиро ба даст ораду таъмини амнияти озуқавориро ҳифз намояд. Дар заминаи бунёди иншооти саноатӣ ва ба кор андохтани зарфиятҳои мавҷуда саноатикунонии кишвар зина ба зина амалӣ шуда истодааст. Соҳаҳои маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, фарҳанг, варзиш ва дигар соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат ба дастовардҳои бесобиқа ноил гаштанд. Кифоя аст, ки аз сохтмони чанд иншооти муҳиму бузург, яъне Неругоҳи барқи обии «Роғун», шоҳроҳи Душанбе-Кӯлоб-Хоруғ-Кулма, нақбҳои «Истиқлол», «Хатлон» ва «Шаҳристон» ёдовар шавем.

Мардуми сарбаланди Бадахшон ин ҷашни муқаддаси миллиро имсол дар фазои озоду ором бо дастовардҳои арзанда истиқбол гирифтанд. Раванди созандагиҳо дар ҳама гӯшаву канори вилоят бомаром идома доранд.

Ҳоло дар миқёси вилоят аз ҷониби Дирекцияи сохтмони иншооти ҳукуматии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтмони бинои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Хоруғ, бинои таълимии Донишгоҳи давлатии шаҳри Хоруғ ба номи профессор Моёншо Назаршоев, бинои 12-ошёнаи хонаҳои истиқоматӣ дар шаҳри Хоруғ, ду блоки биноҳои истиқоматӣ ва бинои Беморхонаи марказӣ дар ноҳияи Роштқалъа, майдони варзишӣ барои 4000 ҷои нишаст дар ноҳияи Ишкошим, бинои кӯдакистон барои 200 нафар ва бинои комплекси хизмати маишӣ дар ноҳияи Ванҷ идома ёфта, аксарашон имсол ва боқимонда соли оянда ба истифода дода мешаванд. Инчунин, аз ҷониби дирексия бунёди биноҳои нави беморхонаи марказии вилоятӣ, корпуси дуюми муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 8, биноҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии № 4 ва 6 дар шаҳри Хоруғ ба нақша гирифта шуда, дар шаҳр имсол 2 километр роҳ чароғон ва 6 километри дигар мумфарш карда мешавад.

Дар маркази ноҳияи Роштқалъа лоиҳакашии сохтмони бинои Қасри фарҳанг аз тарафи Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз гардид. Инчунин, ниҳоди мазкур бунёди варзишгоҳ дар маркази ноҳияи Рӯшонро соли 2023 идома дода, сохтмони биноИ хонаҳои истиқоматӣ барои хизматчиёни давлатӣ дар ноҳияи Шуғнон ва Боғи фарҳангиву фароғатӣ дар ноҳияи Ванҷро аз ибтидои соли оянда оғоз менамояд. Дар ноҳияи Дарвоз аз ин ҳисоб сохтмони бинои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва толори варзишӣ дар деҳоти «Сағирдашт» мавриди баҳрабардорӣ қарор мегиранд.

**- Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон чун як ҷузъи ҷудонашавандаи кишвар дар зарфи 31 сол албатта, дар баробари дигар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ куллан тағйири симо кард. Дар ин маврид чӣ гуфтанӣ доред?**

- Пешвои миллат ҳанӯз соли 1995 дар назди фаъолони вилоят иброз доштанд, ки «Ман аминам, ки шумо Бадахшонро ба яке аз муҳимтарин марказҳои тиҷорат ва саёҳати байналхалқии Тоҷикистон табдил медиҳед ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тайёр аст, барои ба ин мақсад ноил гардидан кумаки зарурии худро расонад».

Дар солҳои соҳибистиқлолии кишвар Роҳбари давлат беш аз 50 маротиба аз Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дидан карда, дар заминаи дастуру супоришҳои Сарвари давлат ҷиҳати рушди иқтисодиву иҷтимоии Бадахшон барномаҳои комил ва аз нигоҳи таърихӣ тақдирсоз қабул гардиданд. Дар заминаи нахустсафари Ҷаноби Олӣ Қарори Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои аввалиндараҷаи ба эътидол овардани вазъи иқтисодию сиёсии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон» ба тасвиб расид. Соли 1995 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тараққиёти иқтисодӣ-иҷтимоии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон» ба тасвиб расид, ки дар раванди ислоҳоти кулли соҳаҳои ҳаётан муҳими вилоят нақши хоса гузошт. Баъдан, соли 2006 бо супоришу дастурҳои бевоситаи Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати беҳтар намудани шароити иҷтимоию иқтисодии аҳолии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, рушди соҳибкории хурду миёна ва бахши хусусӣ, беҳтар намудани шароит барои фаъолияти сармоягузорӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар давраи то соли 2015» таҳия ва қабул гардид. Боиси қайд аст, ки дар даҳ соли амалисозии барномаи мазкур нишондиҳандаҳои асосии ба нақша гирифташуда таъмин гардиданд. Соли 2007 бо мақсади суръатбахшии ҷараёни бунёдкорӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардуми вилоят бо фармоиши Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон «Нақшаи чорабиниҳо оид ба рушди иҷтимоию иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар тӯли солҳои 2007 - 2010» қабул гардид, ки дар доираи он таи чор сол наздик ба 50 иншооти ниҳоят муҳими соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ аз ҳисоби буҷети давлатӣ дар ҳаҷми 110 млн. сомонӣ ба истифода дода шуданд. Соли 2015 бо мусоидати Ҳукумати мамлакат барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳои вилоят ва «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон барои солҳои 2016-2020» қабул гардиданд. Бо амалӣ шудани аксар бандҳои барномаҳо иншооти гуногун дар соҳаҳои роҳу энергетика, маориф, тандурустӣ ва фарҳангу варзиш ба истифода дода, заминҳои нав ба гардиши кишоварзӣ дароварда шуданд. Танҳо давоми солҳои 2016 - 2020 дар вилоят барои амалишавии 75 лоиҳа 1 миллиарду 127,9 млн. сомонӣ хароҷот гардидааст. Новобаста ба мушкилоти алоҳида дар солҳои аввали соҳибистиқлолии кишвар дар вилоят як қатор иншооти муҳими энергетикӣ, аз ҷумла НБО «Сипонҷ», «Техарв», «Андарбак», навбати аввали НБО «Помир-1», зеристгоҳҳои нисбатан пуриқтидор дар шаҳри Хоруғ ва ноҳияи Шуғнон дар масофаи қариб 60 километр хатҳои интиқоли барқи баландшиддати 35 кВт сохта, мавриди истифода қарор дода шуданд.

Дар ин солҳо ба хотири ободии кишвар ва баланд бардоштани сатҳи рӯзгори мардум, аз ҷумла вилоятамон Ҳукумати ҷумҳурӣ ҳар сол хароҷоти маблағҳои буҷетиро зиёд намуда, барои ҳалли сариваҷтии масъалаҳои иҷтимоӣ чораҳои амалӣ меандешад. Илова бар ин, бо ҷалби сармоягузории дохилию хориҷӣ дар вилоят даҳҳо лоиҳаҳои хурду бузург амалӣ гардида, масъалаҳои муҳими рушди босуботи иқтисодию иҷтимоии он ҳаллу фасл гардида истодаанд. Дар ин давра барои рушди соҳаҳои ҳифзи иҷтимоӣ, сохтмони иншооту роҳҳо ва дастгирии буҷети вилоят аз ҳама манбаи маблағгузорӣ қариб 3,1 миллиард сомонӣ равона карда шудааст.

Дар доираи татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, дигар сарчашмаҳои маблағгузории давлатӣ ҷиҳати ҳалли масъалаҳои иқтисодию иҷтимоии вилоят, аз ҷумла маорифу тандурустӣ, бунёди роҳҳои мошингард, нигаҳдории онҳо ва рушди деҳот, таъмини аҳолӣ бо оби ошомиданӣ ва барқарорсозии шабакаҳои ирригатсионӣ, аз худ намудани заминҳои нав ва идоракунии захираҳои об, аз ҷумла таъмини аҳолӣ бо оби ошомиданӣ чораҳои мушаххас роҳандозӣ шуданд.

**- Дастовардҳои муҳими 31 соли соҳибистиқлолӣ дар вилоят кадомҳоянд ва барои ҳифзи онҳо чӣ бояд кард?**

- Он нукта ба шарҳ ниёз надорад, ки дар шароити хеле сангини иқтисодии ҷумҳуриамон, сохтмони шоҳроҳи байналмилалии Мурғоб-Кулма-Қароқурум дар муддати кӯтоҳ анҷом пазируфт. Аз дили шаххоҳи сенздаҳкилометраи Девдара роҳи мошингузар сохта шуда, робитаи мустақими вилоят аз тариқи роҳи Кӯлоб-Дарвоз бо пойтахти мамлакат дар ҳама фасли сол таъмин гардид. Таҷдиди ин шоҳроҳ идома дорад. Аз пойтахти Ватанамон шаҳри Душанбе то маркази ноҳияи Дарвоз ин шоҳроҳ ба меъёрҳои ҷаҳонӣ мутобиқ карда шуда, аз маркази Дарвоз то сарҳади ноҳияи Рӯшон навсозии роҳ бо маблағгузории қариб 2,5 миллиард сомонӣ оғоз ва лоиҳакашии навсозии роҳ аз Рӯшон то деҳаи Варшези ноҳияи Шуғнон дар масофаи зиёда аз 200 километр шурӯъ гардид. Он рӯз дур нест, ки таҷдиди роҳ то марзи Хитой амалӣ гардад. Барои мо боиси ифтихор аст, ки шоҳрои Абрешим, ки аз вилоятамон мегузарад, аз рӯи баҳогузории коршиносони сатҳи байналмилалӣ дар қатори даҳ мавзеи беҳтарини сайёҳӣ ҷо дода шуд.

Вазъи номусоиди таъмини барқ дар вилоят дар оғози истиқлолият барои ҳама маълум аст ва он ҳам аён аст, ки бе рушди соҳаи энергетика дар бобати пешрафти соҳаҳои дигар ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии халқ сухан рондан маънӣ надорад. Бинобар ин, дар навбати аввал бо дастгирӣ ва бо ҷалби сармояи хориҷӣ Ҳукумати мамлакат соли 1994 аввалин агрегати НБО «Помир -1» ва баъдан як силсила неругоҳҳои хурд ба истеҳсоли барқ шурӯъ намуданд. Ин тадбирҳо имконият доданд, ки системаи барқии Помир барқарор гардида, сохтмони НБО «Помир -1» ба итмом расонида шавад. Бо таъсиси Ширкати «Помир энерҷӣ» дар қаламрави вилоят иқтидорҳои нави энергетикӣ бунёд ва дараҷаи таъминоти барқ дар вилоят нисбат ба дигар минтақаҳои кишвар хеле беҳтар гардид. Ҳоло дар ноҳияи Роштқалъа сохтмони Неругоҳи барқи обии «Себзор» бо иқтидори беш аз 10 мегават давом дорад. Айни замон ноҳияҳои поёнии вилоят ба шабакаи ягонаи барқтаъминкунии умумиҷумҳуриявӣ пайваст гардидаанд. Ин имконият фароҳам меорад, ки сифати таъминоти аҳолӣ ва хоҷагии халқ бо неруи барқ боз ҳам беҳтар гардида, барои рушди саноат, аз ҷумла саноати кӯҳӣ заминаи воқеӣ фароҳам оварда шавад.

Тибқи «Барномаи рушди иқтисодӣ-иҷтимоии ВМКБ дар давраи то соли 2025» дар амал татбиқ намудани корҳо оид ба тармиму таҷдиди корхонаҳои амалкунандаи саноатӣ, коркарди сангҳои қиматбаҳо ва ороишӣ, саноати сабук ва маҳаллӣ, масолеҳи сохтмонӣ пешбинӣ гардидаанд. Корхонаҳои коркарди маъданҳои кӯҳӣ, истеҳсоли шиша, металлургияи ранга ва дигар соҳаҳои саноат таъсис меёбанд.

Равнақи тиҷорат ҳоло яке аз роҳҳои беҳбудии некуаҳволии мардуми диёр мебошад ва кушодашавии роҳҳо ва рушди энергетика ба равнақи тиҷорату савдо, бунёди корхонаҳои истеҳсолӣ, маданию маишӣ мусоидат менамояд.

Ба шарофати истиқлолият, ваҳдат, сулҳу оромӣ воситаҳои нави коммуникатсионӣ, чун интернет, алоқаи мобилӣ, алоқаи кайҳонӣ, шабакаҳои нави алоқаи байналмилалӣ на танҳо барои муошират ва мубодилаи афкор хеле осон, балки чун воситаҳои нави иттилоотӣ мавриди истифодаи мардуми кӯҳистон қарор гирифтанд. Пахши барномаҳои телевизиони тоҷик, ки замоне онро барои серхарҷии молиявӣ номумкин эълон карда буданд, ҳал гардид. Алҳол минтақаҳои дурдасти мамлакат аз тамошои барномаҳои телевизионии кишвар бархӯрдоранд.

Ҳамаи ин далелҳо шаҳодати онанд, ки Бадахшон аз бунбасти иттилоотӣ комилан раҳоӣ ёфта, барои ҷаҳониён муаррифӣ гардидааст ва бо ҳама нуқтаи дунё робитаи мустақими иттилоотӣ дорад.

Бояд зикр кард, ки раванди корҳои ободонию созандагӣ чун дигар минтақаҳои кишвар дар вилоятамон дар даҳсолаи дуюми соҳибистиқлолии кишвар, баъди таъмин гардидани сулҳу субот дар ҷомеа оғоз гардид. Дар ин давра дар вилоят аз ҳама манбаи маблағгузорӣ бо назардошти лоиҳаҳои инвеститсионӣ, ки аз ҷониби Ҳукумати ҷумҳурӣ татбиқ гардиданд, бештар аз ҳазор иншооти хурду бузург бо маблағгузории беш аз 4,8 млрд. сомонӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуданд. Фақат барои рушди шаҳри Хоруғ дар панҷ соли оянда дар асоси барномаҳои қабулшуда, аз ҳама сарчашмаи маблағгузорӣ беш аз як миллиард сомонӣ пешбинӣ гардидааст.

Барои рушди соҳаҳои маориф, тандурустӣ, фарҳанг аз сарчашмаҳои гуногун, хоса аз буҷети давлат, маблағҳои калон равона карда мешаванд. Агар соли 1995 барои муассисаҳои таълимии вилоят аз буҷети давлатӣ 73 ҳазор сомонӣ ҷудо шуда бошад, имсол барои рушди ин соҳа фақат аз буҷети давлатӣ беш аз 160,6 миллион сомонӣ ҷудо гардид, ки дар муқоиса ба соли 1995 қариб 800 маротиба зиёд мебошад.

Дар муассисаҳои табобатии вилоят низ вазъ сол ба сол беҳбудӣ меёбад. Буҷети соҳаи тандурустии вилоят аз 40 ҳазор сомонии солҳои аввали истиқлолият дар соли 2022 қариб ба 91,9 миллион сомонӣ расидааст, ки ин нисбат ба соли 1991-ум 700 маротиба зиёдтар мебошад. Айни замон дар вилоят сохтмони таваллудхонаи вилоятӣ, табобатхонаи бемориҳои сил, дар деҳот бошад, бунёди 20 бунгоҳи тиббӣ ва дигар иншоотҳои соҳаи тандурустӣ идома доранд. Дар раванди амалӣ гардондани супоришҳои Роҳбари давлат, ки ҳар сол дар Паёмашон бо мақоми олии қонунгузори мамлакат баён мегарданд, музди меҳнати кормандони муассисаҳои буҷетӣ, аз ҷумла кормандони соҳаи иҷтимоӣ, ҳар сол 20-30 фоиз зиёд мегардад.

Татбиқи амалии ҳадафҳои созандаву бунёдкоронаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва самараи Истиқлолияти давлатии кишвар мебошад, ки Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба яке аз гӯшаҳои зебоманзар мубаддал гардида истодааст.

**- Барои таҷлили сазовори 35-умин солгарди ҷашни Истиқлолияти давлатӣ кадом нақшаи чорабиниҳоро роҳандозӣ намудед?**

- Бо мақсади созовор пешвоз гирифтани ҷашни 35 - солагии Истиқлолияти давлатӣ қарори раиси вилоят бо нақшаи – чорабиниҳо ба тасвиб расида, сохтмони 876 иншооти гуногун дар шаҳру ноҳияҳои вилоят аз ҳисоби сарчашмаҳои гуногуни маблағгузорӣ ба нақша гирифта шудааст.

Бояд зикр кард, ки ҳоло Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бо дастгирӣ ва роҳнамоии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба марҳилаи нави рушд ворид гардида, бунёди иншооти ҳаҷман калони саноатию хизматрасонӣ дар вилоят ба нақша гирифта шудааст.

Чанде пеш бо дастгирии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вилоят Форуми байналмилалии соҳибкорию сармоягузорӣ «Помиринвест - 2022» баргузор гардид ва дар доираи он 30 санади ҳамкорӣ ба имзо расида, наздик ба 1 миллиард сомонӣ барои рушди иқтисодию иҷтимоии ВМКБ ҷалб карда шуд. Корҳои татбиқи лоиҳаҳои дар форум тасдиқгардида бомаром идома дошта, амалӣ гардидани онҳо ба рушди бемайлони вилоят такони ҷиддӣ хоҳад бахшид.

Дар самти таъмир ва ободонии гирду атрофи идораву муассисаҳо, инчунин кӯчаву хиёбонҳо ҳар рӯзи шанбе ва якшанбе ҳашар эълон гардида, ҳамаи қишрҳои ҷомеа дар он фаъолона иштирок менамоянд. Инчунин, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳои вилоят дар ҳамбастагӣ бо кормандони идораву муассисаҳо ва сокинон ба тариқи ҳашар корҳои ободонию созандагӣ, бахусус таъмиру навсозии майдончаҳои варзишӣ, гулгашт намудани шаҳру ноҳияҳоро ба роҳ монда, кор дар ин самт идома дорад. Дар маҷмӯъ, дар ҳама соҳа, аз ҷумла, роҳсозӣ, энергетика, саноати кӯҳӣ, соҳибкорӣ, маориф, тандурустӣ, фарҳанг, варзиш ва хоҷагии қишлоқ таҳаввулоти бунёдӣ ба амал хоҳад омад. Барои истироҳату фароғати сокинон дар ҳама шаҳру ноҳияҳо объектҳои марбута таъсис ва бунёд мегарданд. Дар ин ҷода ҳама кӯшишу ғайратро ба харҷ дода, ин ҷашни муқаддаси миллиро бо дастовардҳои арзанда истиқбол хоҳем гирифт.

**Мусоҳиб Машҳур ИМОМНАЗАР,**
**«Садои мардум»**

ОБУНА - 2023

ОБУНА БА РӮЗНОМАИ «САДОИ МАРДУМ» – НАШРИЯИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2023 ИДОМА ДОРАД.

ТАВАССУТИ ОН «САДОИ МАРДУМ» БА ҲАР ХОНАДОНУ КОРГОҲИ КИШВАР РОҲ ЁФТА, ШУМОРО АЗ ТОЗАТАРИН ВА МУҲИМТАРИН НАВИДҲОИ ВАТАНИ АЗИЗ ВА БЕРУН АЗ ОН ХАБАРДОР МЕКУНАД.

НАРХИ СОЛОНА БО ДАРНАЗАРДОШТИ АНДОЗ АЗ АРЗИШИ ИЛОВАШУДА ВА ХИЗМАТРАСОНИИ МУАССИСАҲОИ АЛОҚАИ ПОЧТА, БАРОИ ЯК НУСХА 180 СОМОНӢ МУҚАРРАР ШУДААСТ.

*Обуна дар идораи рӯзнома, муассисаҳои алоқаи почтаи шаҳру ноҳияҳои кишвар қабул карда шуда, пешоҳангон, ҳамчунин, шахсони алоҳидае, ки бо идораи рӯзнома шартнома баста, дар ин кор саҳм мегиранд, қадрдонӣ мегарданд.*

*Суроға: 734018, шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16 (ошёнаи 6). Нишонӣ ва ҳисоби бонкии рӯзномаи «Садои мардум»:* с/ҳ 20202972701904102000; ҳ/м 20402972316264; БИК 350101626; РМА 030004877; Шуъбаи №2 БДА Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» дар шаҳри Душанбе. Индекси обуна: 68852. Телефонҳо барои маълумот: 238-53-71, 238-53-49, 238-52-97.

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

13 октябри соли 2022 музоядаи № 19-ро оид ба фурӯши амволҳое, ки давлатӣ гардидаанд, баргузор менамояд

| т/р | Номгӯй | Суроға | Масоҳати умумии қитъаи замин (га) | Масоҳати умумии бино ва иншоот (м²) | Арзиши ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар шаҳри Хуҷанд | шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Фирдавсӣ 118 | 0,11 | 1370,7 | 5 473 035 |
| 2 | Бинои филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар вилояти Суғд | шаҳри Хуҷанд, кӯчаи К. Хуҷандӣ, 185 | 0,29 | 2868,6 | 19 204 685 |
| 3 | Хонаи истиқоматӣ | шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Хуҷандӣ, хонаи 30 «а» | 0,03 | 92,4 | 215 822 |
| 4 | Хонаи истиқоматӣ | шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Асирӣ, хонаи 152 | 0,03 | 195,4 | 240 805 |
| 5 | Хонаи истиқоматӣ | шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Э. Шайдо, хонаи 70 | 0,03 | 130,5 | 205 134 |
| 6 | Базаи истеҳсолӣ | шаҳри Хуҷанд, минтақаи саноатии ҷанубу ғарбӣ | 1,1 | 5661,1 | 2 331 318 |
| 7 | Нуқтаи таъмири нақлиёт ва савдо | шаҳри Хуҷанд, ҶДММ «РОҲАТ» | 0,42 | 2343,5 | 3 027 648 |
| 8 | Маҷмӯи таҷҳизоти фабрикаи ресандагӣ (васлнагардида) | вилояти Суғд, ҶСП «Хуҷанд Инвест Коттон» | 0 | 0 | 51 098 419 |
| 9 | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар шаҳраки Зафаробод | ноҳияи Зафаробод, шаҳраки Зафаробод, кӯчаи Рӯдакӣ 8 | 0,18 | 710,5 | 3 042 924 |
| 10 | Агроучасткаи маркази №2 | ноҳияи Зафаробод, шоҳроҳи Хуҷанд - Зафаробод | 2,2 | 2402,2 | 448 096 |
| 11 | Бино, иншоот ва таҷҳизоти фабрикаи «Ҷӯроббарорӣ»-и ҶДММ «Неку - Хуҷанд» | вилояти Суғд, ноҳияи Зафаробод, шаҳраки Меҳнатобод | 0,67 | 3124,1 | 14 764 209 |
| 12 | Агроучасткаи маркази №1 | ноҳияи Зафаробод, шаҳраки Ёшлик | 3,0 | 6284,3 | 1 370 397 |
| 13 | Бинои филиали ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» дар ноҳияи Зафаробод | ноҳияи Зафаробод, кӯчаи Рӯдакӣ 5 «а» | 0,06 | 460 | 3 302 865 |
| 14 | Ҳавлии истиқоматӣ | ноҳияи Б. Ғафуров, деҳоти Унҷӣ, кӯчаи Рӯдакӣ, хонаи 6 | 0,02 | 505,7 | 466 799 |
| 15 | Заводи асфалтбарорӣ бо таҷҳизоташ | ноҳияи Б. Ғафуров, деҳоти Ғозиев | 0 | 0 | 49 743 024 |
| 16 | Заводи пахтатозакунӣ | ноҳияи Б. Ғафуров, минтақаи саноатӣ | 0,84 | 1945,6 | 4 717 276 |
| 17 | Комплекси чорводорӣ | ноҳияи Мастчоҳ, деҳаи Палдорак | 64,3 | 14061,5 | 1 600 000 |
| 18 | Бинои филиали ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» дар ноҳияи Мастчоҳ | ноҳияи Мастчоҳ, шаҳраки Бӯстон | 0,05 | 557 | 3 926 031 |
| 19 | Бинои филиал дар ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ | ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ, деҳоти Лангар, деҳаи Мадрушкад | 0,05 | 199 | 1 092 960 |
| 20 | Бинову иншоот ва таҷҳизоти заводи пахта | ноҳияи Мастчоҳ, шаҳраки Бӯстон, кӯчаи А. Ҳасан | 18,7 | 197 72,9 | 19 000 000 |
| 21 | Фабрикаи ресандагии ҶСП «Олим - Текстайл» дар ноҳияи Мастчоҳ | ноҳияи Мастчоҳ, шаҳраки Суғдиён, шоҳроҳи Бӯстон - Хуҷанд | 29,3 | 24 035 | 241 443 959 |
| 22 | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар шаҳри Панҷакент | шаҳри Панҷакент, хиёбони Рӯдакӣ 102 | 0,26 | 788,5 | 3 257 036 |
| 23 | Бинои филиали ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» дар шаҳри Панҷакент | шаҳри Панҷакент, кӯчаи А. Рӯдакӣ 146 | 0,03 | 476 | 3 832 342 |
| 24 | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар шаҳраки Пролетар | ноҳияи Ҷ. Расулов, шаҳраки Пролетар, кӯчаи Ленин 13 | 0,09 | 695,2 | 2 449 040 |
| 25 | Заводи пахтатозакунии ба номи А. Саматов | ноҳияи Ҷ.Расулов, деҳоти Ғулакандоз, кӯчаи Навоӣ б/р | 9,8 | 6298,7 | 9 900 673 |
| 26 | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар деҳаи Айнӣ | ноҳияи Айнӣ, деҳаи Айнӣ, кӯчаи Ленин 2 | 0,16 | 512,7 | 1 678 529 |
| 27 | Бино ва иншооти базаи «Искандаркӯл» | ноҳияи Айнӣ, ҷ/д Фонё | 4,5 | 2 668 | 9 607 752 |
| 28 | Бинои филиали ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» дар ноҳияи Ашт | ноҳияи Ашт, кӯчаи И. Сомонӣ 15 «а» | 0,05 | 354 | 2 447 717 |
| 29 | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар шаҳри Исфара | шаҳри Исфара, кӯчаи Марказӣ 24 | 0,39 | 851,5 | 2 912 151 |
| 30 | Бинои филиали ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» дар шаҳри Исфара | шаҳри Исфара, кӯчаи Марказӣ 29/2 | 0,09 | 1 102 | 8 680 775 |
| 31 | Бинои филиали ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» дар шаҳри Истаравшан | шаҳри Истаравшан, кӯчаи Ленин 119 «а» | 0,1 | 464 | 5 872 310 |
| 32 | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар шаҳри Конибодом | шаҳри Конибодом, кӯчаи Ленин 129 | 0,16 | 871,2 | 3 204 302 |
| 33 | Маҷмӯи таҷҳизот барои коркарди оби ҷав | вилояти Суғд, боғи фарҳангию фароғатии «Наврӯзгоҳ» | 0 | 0 | 3 969 000 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол» оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда – **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули а***нглисӣ*** сурат мегирад

Музояда соати $10^{00}$ барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 700 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба хазинаи корхона сурат мегирад ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оиди гузаронидани музояда бо суроғаи зерин: шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

**БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНОНУ ПУДРАТЧИЁН!**

## ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № лот | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 411439 | Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Корҳои лоиҳакашию ҷустуҷӯии «Бинои нави маъмурии Нозироти андоз дар шаҳри Роғун» | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизмат-расонӣ | 1 | 22.09.2022 14:30:00 |
| 2 | 411442 | Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Корҳои лоиҳакашию ҷустуҷӯии «Бинои нави маъмурии Нозироти андоз дар шаҳри Левакант» | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизмат-расонӣ | 1 | 22.09.2022 15:00:00 |
| 3 | 411447 | Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Корҳои лоиҳакашию ҷустуҷӯии «Бинои нави маъмурии Нозироти андоз дар ноҳияи Фархор» | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизмат-расонӣ | 1 | 22.09.2022 15:00:00 |
| 4 | 411420 | Ташкилоти динии «Масҷиди ҷомеи марказӣ»-и шаҳри Душанбе | Компютери фардӣ, ДБФ (МФУ), мошинаи алафдаравӣ, чангкашак, ароба, таҷҳизоти корӣ ва барқӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 12 | 29.09.2022 16:00:00 |
| 5 | 411421 | Беморхонаи клиникавии бачагонаи вилояти Суғд | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 29.09.2022 16:00:00 |
| 6 | 411422 | Беморхонаи клиникавии бачагонаи вилояти Суғд | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 29.09.2022 16:05:00 |
| 7 | 411423 | Муассисаи давлатии «Нигоҳдории роҳҳои автомобилгард»-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Сӯзишвории дизелӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 29.09.2022 16:35:00 |
| 8 | 411424 | Муассисаи давлатии «Литсейи шаҳри Панҷакент» | Хӯрокворӣ ва маводи хоҷагидорӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 37 | 29.09.2022 16:40:00 |
| 9 | 411425 | Муассисаи таълимии «Коллеҷи тиббӣ»-и шаҳри Хуҷанд | Лавозимоти варзишӣ, гипохлориди калсий, маводи канселярӣ, лавозимоти барқӣ, маводи хоҷагидорӣ, таҷҳизоти техникӣ, камераи назоратӣ, курсии нимпаҳлӯ, матоъ ва лавозимоти ороишӣ барои либос | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 52 | 29.09.2022 16:50:13 |
| 10 | 411426 | Беморхонаи ноҳиявии №2-и деҳоти Ёваи ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 29.09.2022 16:55:31 |
| 11 | 411427 | Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе | Сохтмони айвончаҳои кӯдакистони №98-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 29.09.2022 17:45:00 |
| 12 | 411428 | Боғи миллии «Маҷмӯи меҳмонхонаҳо»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Корҳои таъмирию сохтмонӣ дар биноҳои боғ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 03.10.2022 08:45:00 |
| 13 | 411430 | Муассисаи давлатии «Озмоишгоҳи миллии референсӣ» | Таъмирии ҷории муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 03.10.2022 09:30:00 |
| 14 | 411433 | Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи акушерӣ, гинекологӣ ва перинаталогии Ҷумҳурии Тоҷикистон» | Маводи ташхисӣ ва масрафшаванда | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 14 | 03.10.2022 11:15:00 |
| 15 | 411434 | Муассисаи давлатии тиббии «Маркази мубориза бар зидди бемории сил» | Доруворӣ, гипохлориди калсий ва пленкаи рентгенӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 5 | 03.10.2022 11:25:00 |
| 16 | 411435 | Муассисаи давлатии «Ҷаҳоннамо» | Молҳои хоҷагӣ, канселярӣ, картриҷ, либос ва қисмҳои эҳтиётии компютерӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 42 | 03.10.2022 11:30:18 |
| 17 | 411432 | Ташкилоти динии «Масҷиди ҷомеи марказӣ»-и шаҳри Душанбе | Молҳои хоҷагӣ, асбобҳои дастӣ, нуриҳои органикӣ, тухмии алаф, филтрҳои коғазии чангкашак, дискҳои дурушт, хотираи флеш, картриҷ ва матои махсус | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 53 | 03.10.2022 14:00:00 |
| 18 | 411440 | Раёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии вилояти Суғд | Сарулибос ва маводи нарм | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 11 | 03.10.2022 14:55:00 |
| 19 | 411438 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Пиёзаки гули лола | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 7 | 03.10.2022 15:35:35 |
| 20 | 411443 | Маркази ҷумҳуриявии илмии ҷарроҳии дилу рагҳо | Дорувории мадҳушкунанда ва масрафшудаи тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 26 | 03.10.2022 16:00:00 |
| 21 | 411441 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Ниҳоли гули хризантема | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 03.10.2022 16:16:16 |
| 22 | 411437 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Масолеҳи сохтмонӣ, матои баннерӣ, диски алмосӣ, арматураи пӯлодӣ, қубурҳои оҳану бетонӣ ва плитаҳои бетонӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 18 | 03.10.2022 16:26:26 |
| 23 | 411436 | Муассисаи таҳсилоти томактабии №2-и шаҳраки Навободи ноҳияи Рашт | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 22 | 03.10.2022 17:00:06 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак ҷиҳати бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни «Сана ва вақти кушодани лифофаҳо» муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ 22.**

**Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.**

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Атетстати хатми таҳсилоти асосии силсилаи Т-АТА №0182676-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 85-и ноҳияи Рӯдакӣ соли 2015 ба Шоев Сайфулло Файзуллоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи хатми таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи Т-ШТУ №0045664-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №67-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2006 ба Қаландарова Мадина Мурватшоевна додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи гумшуда, ки онро Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода соли 1981 ба Раҳимов Рустамҷон Маматқулович додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти соҳибкорӣ бо РЯМ 0930094083-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Ҳисор соли 2014 ба Мирзоева Изатби Ҳайдаровна додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти соҳибкорӣ бо РЯМ 0930175996-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Ҳисор соли 2021 ба Буриев Баҳром Саидмуратович додааст, эътибор надорад.

✓ Билети донишҷӯии №018750/2021-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино соли 2021 ба Низомов Абубакр Хайёмович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати хатми таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи А № 219036-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №39-и ноҳияи Қубодиён соли 1995 ба Базиев Турахон Ҳайдарович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати хатми таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи Т-АТУ № 0543648-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №39-и ноҳияи Қубодиён соли 2018 ба Таганов Нурмурат Жумамуродович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати хатми таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи А № 219955-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №39-и ноҳияи Қубодиён соли 1995 ба Абдурахимов Аскар Сулаймонович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати хатми таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи Т-ШТУ № 0509061-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 39-и ноҳияи Қубодиён соли 2012 ба Мамараҷабов Элчибек Шеронович додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини якумраи меросӣ таҳти қайди 34346 бо дараҷаи А № 0527339-и гумшуда, ки онро Кумитаи замини идораи ноҳияи Рӯдакӣ 21 июли соли 2015 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Сарикиштӣ ба хоҷагии деҳқонии «Баракат» додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи силсилаи ЖВ – I №134178 таҳти қайди № 42487-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи давлатии шаҳри Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ соли 1981 ба Гадоев Фатҳуддин додааст, эътибор надорад.

✓ Муҳри гумшудаи ба Муассисаи давлатии «Мактаби вилоятии варзишӣ» дар шаҳри Кӯлоб тааллуқдошта эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома дар бораи хатми таҳсилоти миёнаи умумии № 0923214-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №16-и ноҳияи Дарвоз соли 2022 ба Идизода Файзигул Розибек додааст, эътибор надорад.

✓ Муҳри гумшуда бо РЯМ 040044820, мутааллиқ ба ҶДММ «Олим – К», эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ Фонди ҷамъиятии «Мушкилосон», ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбии № 0124218 бо РЯМ 0410012286, РМА 040031926 буда, онро Нозироти андози ноҳияи Сино 30 августи соли 2010 додааст, фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

**Хонандагони азиз, инчунин метавонед хабару гузориш ва матолиби мукаммалу таҳлилиро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

Садои мардум

Конститутсия - кафолати ҳуқуқи ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

САРМУҲАРРИР
АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ.
Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Маҳмудҷон Усмонов, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Тилло Неккадамов, Абдумаҷид Муродов, Бурҳониддин Каримов*

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир - факс - 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус - 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосибот - 238-53-49; шуъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар ВМКБ - 93-355-51-03, 93-458-65-69, Бохтар - 919-67-88-78, Кӯлоб - 985-82-81-97, Хуҷанд- 92-773-28-76, водии Зарафшон - 93-439-88-38, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор - 918-68-40-17.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

*Рӯзномаи «Садои мардум» 17 марти соли 2019 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 122/РЗ - 97*

*Ба чопаш 12 сентябри соли 2022, соати 18:30 иҷозат дода шуд. Адади нашр 33460 нусха*

Навбатдори шумора С. Суннатӣ

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров